## Тақризи

мушовири илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи "Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 –Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2020)

Мавзӯи интихобнамудаи Одиназода Рамазон Сафар бешубҳа масъалаи актуалии ҳам назария ва ҳам амалияи муосир мебошад. Принсипи адолат ва махсусан амалисозии адолати судӣ аз қадим то имрӯз мавзӯи баҳсҳои бахшида ба соҳаи ахлоқ, дин ва ҳуқуқ буда, мутахассисони илми ахлоқ, калом ва ҳуқуқшиносӣ оид ба онҳо таҳқиқоти пурарзиш анҷом додаю барои мардум андешаҳоеро пешниҳод намудаанд, ки борҳо мавриди амал ва таҷрибаи давлатдорию давлатсозӣ гаштааст. Дар ин ҷараён ниёгони мо кушиш ба харҷ додаанд, аз як тараф, ба дастовардҳои гузаштагон арҷгузорӣ намоянд ва аз ҷониби дигар, ба талаботи мубрами рӯз ҷавоб дода, ниҳоду падидаҳоеро рӯи кор оваранд, ки дар ҷомеа адолат ҳукмрон ва нисбат ба ҳар як узви ҷомеа адолати судӣ дастрас бошад. Дар ин росто, махсусан ниҳодҳои таъсиснамудаи мардуми тоҷик бахри амалӣ намудани адолати судии маъмурӣ ва адлияи маъмурӣ таърихи гаронарзиш доранд, чунки онҳо на танҳо дар ҷараёни фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба амалинамоии адолати судӣ машғул буданд, балки саҳифаҳои дурахшони ҳуқуқтатбиқкунӣ, ривоят ва қиссаҳоеро аз он ёдгор гузоштаанд, ки намунаи беҳтарини адолати судӣ дар таърихи ҷаҳон ба шумор мераванд. Махсусан, кор гирифтани талаботи мантиқӣ ва ҳиллаҳои шаръӣ, зеҳну зиракии ҳам судя ва ҳам мансабдорони ба адлияи маъмурӣ машғулбуда шоистаи таҳсин ва мавриди сабақомӯзии ҳуқуқшиносони оянда мебошанд. Аз ин сабаб ва инчунин бо асосҳои дар муқаддимаи рисола таъкидшуда мавзӯи пешниҳодгардида мавзӯи мубрами илмӣ буда, махсусан маҳсули таҳқиқи он саҳми бузург дар дарки таърихи ниҳодҳои адолати судӣ ва давлатдории тоҷикон мегардад.

Таҳқиқот мантиқан дуруст нақшабандӣ гардида, аз муқаддима, 5 боб ва 17 зербоб, хулоса ва руйхати санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ иборат мебошад, ки бобҳо давоми мантиқии боби пешина буда, дар ҳар як боби он ҷанбаи муҳими масоили гузошашуда баррасӣ ва бо хулосаҳои илмӣ ҷамъбаст гаштааст.

Муаллиф кушиш намудааст, ки ҷанбаҳои муҳимтарини масоили амалисозии адолати судии маъмурӣ, адлияи маъмурӣ ва ҳалли шикоятҳои маъмуриро таҳлил намуда хусусиятҳои хоси таърихӣ-ҳуқуқии онҳоро ошкор намояд. Ӯ кушиш намудааст, ки масъаларо дар ташаккулу рушд омӯзад ва бо ин равиш ба ӯ муяссар гаштааст, ки як қатор қонуниятҳои рушди ниҳодҳои адолати судии маъмуриро муайян намояд. Ин хусусияту қонуниятҳо дар нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида акс ёфта, маҳсули асосии рисолаи мазкур маҳсуб мешаванд.

Одиназода Рамазон Сафар баҳри иҷро намудани вазифаҳои таҳқиқотӣ аз усулу равишҳои муосири илмӣ, аз қабили қонун ва категорияҳои назарияи маърифат ва диалектика, усулҳои муқоисаи ҳуқуқӣ, усули мантиқии омӯзиш, принсип ва усулҳои таърихӣ –ҳуқуқӣ ва махсусан усулҳои шакли ҳуқуқӣ ва системавии омӯзиш ба таври фаровон истифода бурдааст, ки онҳо имконият доданд, то натиҷаҳои илмӣ ба даст оварда шавад. Дар ҷараёни таҳқиқот адабиёту сарчашмаҳои гуногуни меъёрию таърихӣ истифода гардидааст, ки барои баҳои обективӣ додан ба масоили тахти омӯзиш имкон фароҳам оварданд.

Агар ба мазмуни бобҳо диққат намоем, пас, боби аввали рисола ба масъалаҳои пайдоишу ташаккули ниҳодҳои адлияи маъмурӣ, адолати судии маъмурӣ ва даврабандии он дар таърихи давлатдории тоҷикон бахшида шудааст ва муаллиф дар заминаи илмӣ таърихи рушди ин инҳодҳоро даврабандӣ намудааст. Боби дуюми рисола ба масоили ташаккулу рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ бахшида шуда, муаллиф кулли ниҳодҳои амаилсозандаи адолати судии маъмурӣ ва мақомоти амалкунандаи маъмурии марҳилаи

зардуштиро таҳқиқ намуда, махсусияти онҳоро ошкор менамояд. Боби сеюми рисола ба мушкилоти ташаккул ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии исломӣ бахшида шуда, таъсиси ниҳодҳои адолати судии маъмуриро дар марҳилаи исломии рушди тоҷикон баррасӣ намуда, қонуният ва махсусияти ин ниҳодҳоро дар таъсис ва амалияи онҳо ошкор месозад. Дар боби чоруми рисола бахшида ба амалисозии адолати судии маъмурӣ аз ҷониби амалдорони давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таърихи давлатдории тоҷикон, фаъолияти як қатор ниҳодҳои давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба ваколати амалисозии адлияи маъмурӣ ва адолати судӣ таҳлил гардида аз он хулосаҳои мушаххаси илмӣ пешниҳод гардидааст. Дар боби хотимавии рисола бахшида ба идомат, фарқият ва дурнамои ташаккули адлияи маъмурӣ ва амалисозии адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон, рушди ниҳодҳои номбаршуда дар марҳилаи шӯравии рушд ва дар замони муосир таҳлилу таҳқик гардида, муаллиф оид ба масоили рушд ва дурнамои ин ниҳодҳо масъалагузорӣ менамояд. Дар ҷараёни таҳқиқот якчанд пешниҳод оид ба мураттабсозӣ, таҷдиди назар ва мушаххас намудани тобеъияти судии парвандаҳо, баҳсҳо ва шикоятҳои маъмурӣ таҳия шудаанд.

Таҳқиқу омӯзиши мавзӯи серҷабҳаи бахшида ба амалисозии адолати судии маъмурӣ кори мушкил буда, Одиназода Р.С. тавонистааст дар давоми фаъолияти бисёрсолааш таҳқиқоти пурмаҳсули илмӣ анҷом дода ба мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташуда расад. Диссертатсияи пешниҳодгардида далели гуфтаҳои боло мебошад.

Андеша ва хулосаҳо аз таҳқиқот махсусан дар шароити имрӯза мубрам мебошанд, чунки ҷанбаҳои муҳимтарини рушди ниҳодҳои адолати судӣ ва адлияи маъмуриро дар бар мегиранд.

Андешаҳои унвонҷӯ дар конфронсҳои илмӣ ва муҳокимарониҳо, дар мақолаҳои илмии нашршудааш инъикос ёфтаанд.

Маводи пешниҳодгардида метавонад дар ҷараёни қонунгузорӣ, амалияи ниҳодҳои адолати судӣ, ниҳодҳои амалисозандаи адлияи маъмурӣ, дар ҷараёни таълим, дар матни китобҳои дарсӣ, дар ҷараёни лексия ва семинарҳо истифода

гардад.

Рисолаи диссертатсионии Одиназода Рамазон Сафар таҳқиқоти комил, хотимаёфта, бо доштани навовариҳо дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло ва дар асоси он, ки диссертатсияи пешниҳодгардида рисолаи комили илмӣ буда, ба таври маҷмӯӣ масоили номбаршударо дар бар мегирад, дар заминаи таълимоти муосири илми ҳуқуқшиносӣ ва бо истифодаи усулҳои муосири илмӣ таҳия гардидааст, ба андешаи мо ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи "Низомнома оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ" аз 26 ноябри соли 2016 №505" барои рисолаҳои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқ аст, бинобар ин, ман ба ҳайси мушовири илмӣ, диссертатсияи илмии "Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистони таърихӣ (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)", ки ҳамчун таҳқиқоти комилу анҷомёфта эътироф намуда, муаллифи он Одиназода Рамазон Сафарро шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 –Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мешуморам.

Э.Б. Буризода

Мушовири илмӣ,
Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови
Академияимиллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Рудаки 33.
Тел: (992) 907-82-90-91
E-mail: buriev-68@mail.ru

Имзои Буризода Э.Б.-ро тасдиқ мекунам

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ